***ТДУ 93***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-26-33***

# ***ВАЗЪИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА РУСИЯИ ПОДШОҲӢ (солҳои 20-50-уми асри XIX)***

***Шарифов Ғайрат Зарипович,*** *омӯзгори кафедраи таърихи умумии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ПОЛОЖЕНИЕ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ БУХАРСКИМ ЭМИРАТОМ И ЦАРСКОЙ РОССИЕЙ (20-50-е гг. XIX в.)***

***Шарифов Гайрат Зарипович****, преподаватель кафедры всеобщей истории ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистон, Худжанд)*

# ***DIPLOMATIC RELATIONS` POSITION BETWEEN THE BUKHARA EMIRATE AND TSARIST RUSSIA (20-50-s of the XIX th century)***

***Sharifov Ghayrat Zaripovich****, lecturer of the department of general history studies under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan.Khujand),* ***E-mail:****gsharipov-83@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: Аморати Бухоро, Русияи подшоҳӣ, муносибатҳои дипломатӣ, сафорат, амир Ҳайдар, амир Насрулло, Александри I, тиҷорат*

*Дар мақола муносибатҳои дипломатии Аморати Бухоро ва империяи Русия дар нимаи аввали асри XIX, дар асоси манбаҳои муҳим омӯхта шудаанд. Сабабҳои авҷ гирифтани алоқаҳои дипломатӣ ва таваҷҷуҳи Русия ба Аморати Бухороро дар ин давра бо пурзуршавии муносибатҳои капиталисти дар Русия, таъсири дипломатӣ ва тиҷоратии Англия бо тавассути Афғонистон ва Ҳиндустон ва дигар равандҳо дидан мумкин аст. Қайд карда мешавад, ки сафоратҳои ҳар ду тараф дар ин давра вазифаҳои махсуси сиёсӣ ва иқтисодӣ доштанд. Нишон дода шудааст, ки дар натиҷаи якчанд сафар аз Русия ва Бухоро Осиёи Миёна, махсусан аморати Бухоро мавқеи муҳими стратегӣ барои давлатҳои абарқудрат ишғол кард. Вале, муаммоҳо дар муносибатҳои Русия ва Бухоро вуҷуд доштанд, ки дар мақола таҳлил шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *Бухарский эмират, Царская Россия, дипломатические отношения, посольство, Амир Хайдар, Амир Насрулла, Александр I, торговля*

*В статье на основе важных источников исследуются дипломатические отношения между Бухарским эмиратом и Российской империей в первой половине XIX века. Причины активизации дипломатических отношений и интереса России к Бухарскому эмирату в этот период можно увидеть в усилении капиталистических отношений в России, дипломатическом и торговом влиянии Англии через Афганистан и Индию и в других процессах. Следует отметить, что перед посольствами обеих сторон в этот период стояли особые политические и экономические задачи. Таким образом, благодаря нескольким посольствам из России и Бухары, Средняя Азия, особенно Бухарский эмират, заняла важное стратегическое положение для сверхдержав. Однако в отношениях России и Бухары существовали проблемы, которые и анализируются в данной статье.*

***Key words:*** *Bukhara Emirate, Tsarist Russia, diplomatic relations, embassy, Amir Haydar, Amir Nasrullah, Alexander I, trade.*

*The article, based on important sources, examines the diplomatic relations between the Bukhara Emirate and the Russian Empire in the first half of the 19th century. The reasons for the intensification of diplomatic relations and Russia's interest in the Bukhara Emirate during this period can be seen in the strengthening of capitalist relations in Russia, the diplomatic and trade influence of England through Afghanistan and India, and other processes. It should be noted that the embassies of both sides faced special political and economic tasks during this period. Thus, thanks to several embassies from Russia and Bukhara, Central Asia, especially the Emirate of Bukhara, occupied an important strategic position for the superpowers. However, there were problems in relations between Russia and Bukhara, which are analyzed in this article.*

То ибтидои асри XIX (то соли 1820), баъди сафари дипломати англис, аввалин Сафири Мухтори Англия дар Русия Энтони Ҷенкинсон (солҳои 1858-1859) дар давоми қариб 250 сол ба Бухоро сафирони хориҷӣ қариб ташриф наовардаанд. Ҳайъати сафоратҳои хонигариҳои Осиёи Миёна аз ибтидои солҳои 20-уми асри XIX пайваста ба қаламрави Русия фиристода мешаванд. Робитаҳо тавассути Астрахан, Оренбург ва Орску Семипалатинск ба роҳ монда мешуданд.

Чунончӣ, ҳайъати сафорати махсуси Бухоро соли 1825 бо роҳбарии Бекназар Абдулкарим бо маншури амир Ҳайдар ва ҳадяҳо ба Санкт-Петербург фиристода мешавад. Сафирон аз подшоҳи рус хоҳиш намуданд, ки бехатарии роҳҳои тиҷоратиро таъмин намояд, зеро хонигарии

Хева ва кӯчманчиён корвонҳоро талаву тороҷ намуда, ба савдогарон зарари калон мерасониданд. Сафирон хоҳиши амир Ҳайдарро оид ба Бухоро фиристодани ҳайъати сафорати Русияи подшоҳӣ ба император расониданд. Инчунин, аз давлати рус хоҳиш намуданд, ки дар Бухоро мадраса ва дар Санкт-Петербург барои сафирони бухороӣ масҷид бунёд кунанд.

Дар нимаи аввали асри XIX аз Петербург ба Бухорову Хева ҳайъати сафоратҳои Русия подшоҳӣ фиристода мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани робитаҳои ҳарбиву сиёсӣ, иктишоф (разведка) ва робитаҳои тиҷоратӣ буд.

Дар ибтидои асри XIX директори гумруки сарҳадӣ ва сардори округи гумрукии маҳаллии Оренбург П.Е. Величко якҷоя бо губернатори Оренбург княз Г.С. Волконский лоиҳаи Ширкати Русоосиёии тиҷоратиро бо давлатҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустонро созмон доданд. Ин ширкат мебоист ҳуқуқи монополиро дар тиҷорат бо Шарқ, аз ҷумла фурӯши оҳан ва мисро ба ихтиёри худ гирад. Вале ташкили корвони тоҷирон ба Шарқ тӯл мекашад[23,с.28-29].

Русияи подшоҳӣ бо мақсади ба роҳ мондаи муносибатҳои тиҷоратӣ, ва омӯзиши илмии аморати Бухоро ҳайати сафоратро таҳти сарварии Александр Фёдорович Негри созмон медиҳад. А.Ф. Негри санаи 3 июли соли 1820 сарвари ҳайъати сафорат ба аморати Бухоро таъин мегардад. Ӯ забонҳои туркӣ ва форсиро хеле хуб медонист. Соли 1818 А.Ф. Негри дар ҳайати сафорати Империяи Русия дар Теҳрон ба ҳайси машваратгари калон таъин шуда буд [7,с.186-188].

Ба ҳайати сафорати А.Ф.Негри супориш дода мешавад, ки дар бораи захираҳои табиии хонигариҳои Осиёи Миёна, дар бораи ҳукуматдорони он, муносибати байниҳамдигарии онҳо, инчунин муносибатҳои онҳо бо Афғонистон, Эрон ва туркияи Усмонӣ, дар бораи имкониятҳои киштирокӣ дар Амударё ва Сирдарё, эҳтиёҷоти аҳолии Осиёи Миёна ба молу маҳсулоти Русия маълумот ҷамъ оваранд. Ғайр аз ин ба рисолат (ҳайати сафорат)-и А.Ф. Негри супориш дода шуда буд, ки оид ба озод кардани асирони рус дар хонигариҳо тадбирҳо андешад. Ҳама ин вазифаҳоро як худи А.Ф. Негри ба сомон расонида наметавонист. Бинобар он, ки ҳукуматдорони рус ба ҳайъати ин сафорат табиатшинос доктор Х. Пандер ва Э.А. Эверсман, ҷуғрофидон ва мутахассиси омор - полковник, барон Е. К. Мейендорф, инчунин афсарони Штаби генералӣ Г. Валховский ва Г. Тимофеев ва хизматчии Вазорати корҳои хориҷӣ Л. Яковлев, муҳандисони корпуси алоҳидаи шӯъбаи Оренбург подпоручикон К.М. Тафаев ва К.Д. Артюховро дохил намуданд. Ҳайати сафоратро корвони калони тоҷирон низ ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳайати сафорат моҳи октябри соли 1820 аз Оренбург бо корвони бузург, иборат аз 368 уштур ва 400 асп, тахти ҳимояи 200 казаки рус, 20 пиёдагард, 25 бошқирд ва 2 тӯп ба самти Бухоро раҳсипор гашт. Корвон 20 декабри соли 1820 ба Бухоро ворид шуд. Сафорат то 10 марти соли 1821 дар Бухоро қарор дошт ва бо ҳамон роҳ ба Русия баргашт [7,с.23].

А.Ф. Негри бевосита бо амир Ҳайдар ва қушбегӣ Муҳаммад Ҳакимбий мулоқот орост. Амир Ҳайдар ризоияти дод, ки дар робита бо Русия омаду рафти корвони тоҷирони ҳар ду тараф ҷоннок карда шавад. Аммо умуман ба амир Ҳайдар А.Ф. Негри рӯи хуш надод ва талаб кард, ки ба зудӣ Бухororo тарк кунад.

Экспедитсияи дигари русҳо зимистони соли 1824 аз Оренбург бо дастаи 625 - нафара бо ду тӯп ва корвони тоҷирон ба самти Бухоро фиристода мешавад. Сарварии ин сафоратро полковник С.Ф.Сиалковский бар ӯҳда дошт. Барои ташкили ин ҳайати сафирон ва тоҷирон подшоҳ Александри I 223,5 ҳазор рубл маблағ ҷудо карда буд. 3 ноябри соли 1824 корвони сафирону тоҷирон аз қалъаи Орск дар ҳайъати тоҷирони Оренбургу Троитск дар 169 уштур ва аз 1 то 12 ноябр дар 690 уштури боркаш аз Троитск ба самти ҷануб равон гашт. Корвонро 250 сарбози пиёдагард ва ҳамин қадар казакҳои аспсавор, бо ду адад тӯп ҳамроҳӣ карданд. Тоҷир Е Кайдалов корвонбошӣ интихоб гашта буд [14,с.40]. Аммо дар роҳ ҳангоми убури Сирдарё корвони онҳо дар Қизилқум ба ҳамлаи хевагиҳо ва қирғизҳо (қазоқҳо)дучор гашта, ба қафо баргашт [22,с.46]. Ҳангоми бозгашт корвон наздик ду ҳазор уштур, 40 ҳазор чорвои майда, 2 ҳазор маркаби боркашонро талаф дод. Инчунин, аз ҳайати корвон се нафар кушта ва 16 нафар захмдор гаштанд.

Анҷоми нобарори кори ҳайати сафорат дар Комитети Осиёӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифт.

Бояд зикр кард, ки дар ин давр Бухоро барои тамоми Осиёи Миёна нуқтаи тиҷоратӣ ва транзитии интиқоли молу маҳсулот ба шумор мерафт. Дар Бухоро калонтарин бозорҳо амал мекарданд. Дар шаҳр кӯчаҳои болопӯш - тимҳо бо растаҳои фурӯши маҳсулот (Тоқи Заргарон,

Тоқи Саррофон, Тоқи Телпакфурӯшон ва ғ.) фаъолият мебурданд. Ҳамасола молу маҳсулоти хориҷӣ ба Бухоро тавассути 12-15 ҳазор уштури боркаш ворид мегашт [12,с. 103-105].

Робитаҳои тиҷоратӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна барои Русияи подшоҳӣ аҳаммияти муҳим дошт.Т.С.Визго таъкид мекунад, ки ба Осиёи Миёна ҳамроҳи корвонҳои тиҷоратӣ ҳунармандон, табибон, меъморон низ раҳсипор мегаштанд. Аксар вақт тоҷирони бухороӣ ба ҳайси сафир ба Русия фиристода мешуданд [5,с.42].

Моҳи августи соли 1830 амир Насруллоҳ сарфармондеҳи ҳарбии худ Султонкулӣ Раҳматбекро бо ҳайати 30 нафара, бо маншуру тӯҳфаҳо ба Петербург мефиристад. Сафирон ба подшоҳи рус хабар доданд, ки амир Насруллоҳ сиёсати падараш амир Ҳайдарро дар масъалаи муносибати дӯстона бо Русия идома медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки амир Насруллоҳ дар масъалаи сиёсати хориҷӣ аз сарварони пешинаи аморати Бухоро ба куллӣ фарқ мекард. Ӯ сиёсати кушодро бо Русия ва Англия, ки даъвои бартараф намудани самти иқтисодиро нисбат ба Осиёи Миёна доштанд, пеша кардааст.

Соли 1835 ба Бухоро ҳайати сафорати англисҳо бо сарварии А. Бернс ташриф меорад. Ин сафорат дар ибтидои соли 1831 аз Ҳиндустон баромада, ба Лоҳур меояд, сипас тавассути Пешовар, Кобул, қатрокӯҳи Ҳиндуқуш ва Бомиён то Балх мерасад. Аз ин ҷо тахти ҳимояи туркманҳо ба Бухоро омада, маълумоти зиёд гирд меорад. Бозгашти сафорати А. Бернс бо воситаи Машҳад ва Теҳрон сурат гирифта, ба Бӯшаҳ ва аз он ҷо бо воситаи бахр ба Бомбай расид [19,с.25].

Ташрифи сафири Англия ба Бухоро Русияи подшоҳиро ба ташвиш андохт. Чунончӣ генерал - губернатори Оренбург В.А. Перовский 17 августи соли 1833 ба директори шӯъбаи Осиёи Вазорати корҳои хориҷии Русия К.К. Родофкин мактуб навишта иброз медорад, ки “Солҳои охир савдогарони бритониёӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна робитаи мунтазами тиҷоратиро ба роҳ монда истодаанд, ки дар натиҷа Русия аз бозори фурӯши маҳсулот маҳрум мегардад.

Британиягиҳо маҳсулоти худро тавассути Эрон бо воситаи ширкати тиҷоратие, ки дар Трапезунд (Туркия), яъне на он қадар дур аз Хева ва Бухоро қарор дорад, интиқол медиҳанд”[15,с.135-137; 18,с.158]. Ба ҳар ҳол баъди омадани А. Бернс ба Бухоро, ба муддати кӯтоҳ бошад ҳам робита бо Британияи Кабир барқарор гашт.

Русия намехост, ки таъсири геосиёсии худро дар Осиёи Миёна аз даст диҳад. Аз ин лиҳоз намояндагони ҳарбии худро мунтазам ба Бухоро мефиристод. Русия кӯшиш мекард, дар роҳбарияти Бухоро ақидаи душманона нисбат ба Британияи кабир пайдо шавад.

Бахри амалӣ намудани ҳамин ниятҳо баъди сафари А. Бернс ба Бухоро профессори забонҳои туркӣ ва форсии Институти забонҳои шарқии Санкт – Петербург, корманди маъмурияти губернияи Оренбург, поручик П.И. Демезон ташриф меорад. Губернатори Оренбург В.А. Перовский дар назди ӯ вазифа гузошта буд, ки доир ба агентҳои Британия дар Бухоро, вазъи ҳарбии аморат, ҳолати ҳарбиву сиёсӣ ва муносибати аморат бо ҳамсоягонаш маълумот ҷамъ орад. Ӯ аз Оренбургу Орск охирҳои соли 1833 бо ҳамроҳии карвони тоҷирон ба роҳ мебарояд. Азбаски П. Демезон забонҳои маҳаллии Осиёи Миёнаро хеле хуб медонист, либоси мардуми Осиёи Миёнаро ба бар карда, худро ҳамчун муллои тотор бо номи Мирзо Ҷаъфар муаррифӣ мекунад. Аз ин лиҳоз сафари ӯ бехавф анҷом мепазирад. П. Демезон ба Бухоро моҳи декабри соли 1834 омад ва дар ин ҷо то июли соли 1835 фаъолият бурд. П. Демезон расму оини равияи суннии исломро хуб медонист. Аз ин лиҳоз дар масчиду мадрасаҳо баҳсҳои шаръӣ бо муллоҳои Бухоро анҷом медиҳад ва бо ин васила бо шахсони маъруф шиносоӣ пайдо мекунад [18,с.26-27].

Мақсади ташрифи П. Демезон мустаҳкам намудани мавқеи Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна, рушди тиҷорати тарафайн (Русия ва хонигариҳои Осиёи Миёна), гирд овардани маълумот дар бораи халқҳо ва давлатҳои Шарқ махсуб меёфт. П. Демезон сабабҳои бо душворӣ рушд кардани тиҷорат бо хонигариҳои Осиёи Миёнаро муайян намуда, роҷеъ ба дурнамои робитаҳои иқтисодӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст.

Соли 1835 ба Бухоро намояндаи дигари русҳо, прапоршики баталёни ҳарбии Оренбург Я.В. Виткевич ташриф меорад. Ҳадафи ӯ низ гирдоварии маълумот, шиносоӣ бо фикри бухороиҳо бо дар бораи англисҳо, ҷамъоварии маълумоти саҳеҳ дар бораи фаъолияти ширкати Ост-Индия, мақсад ва вазифаҳои ҷосусони Британия дар кишвар, нарху навои маҳсулот ва ғ. махсуб меёфт [13,с.31]. Я. Виткевич дар ҳисоботи худ роҷеъ ба тартиби ситонидани боҷи гумрукӣ аз тоҷирон дар хонигариҳо, вазъи бозорҳои Бухоро, масъалаи савдо (хариду фурӯш)- и ғуломон дар Бухоро маълумот медиҳад. Ӯ ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Миёна, инчунин таъсири тезутундшавии муносибатҳои тиҷоратӣ эътибор додааст.

Я. Виткевич ба Кобул низ сафар мекунад ва бо амири Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон вомехӯрад. Ин амали Я. Виткевич боиси ба амал омадани шӯру ғавғо дар байни англисҳо гардид. Англисҳо (ҳукумати онҳо дар Ҳиндустон қарор дошт) аз наздикшавии Русия ба хонигариҳои Осиёи Миёна дар хавф буданд. Гуфтушуниди муваффақонаи Я.В.Виткевич дар Кобул бо фишори ҳукумати Британияи Кабир қатъ мегардад. Бо мақсади тезутунд нагаштани муносибат бо Англия ҳукумати Русия Я.В. Виткевичро аз Кобул бозхонд намуд ва шартномаи бо Афғонистон басташударо бекор кард.

Сафирони Русия ба ватанашон бидуни натиҷаи ҷиддӣ баргаштанд. Онҳо танҳо тавонистанд, маълумоти умумиро дар бораи аморат пешниҳод намоянд.

П. Демезон ва Я. Виткевич аз роҳандозии робитаҳои сиёсии амири Бухоро бо англисҳо ҳарф зада, қайд намудаанд, ки баъзе аз намояндагони Англия баҳри ҷамъоварии маълумот дар бораи Русия дар Бухоро иҷозат гирифтаанд.

Дар ин давр вазифаҳои ҳайатҳои сафорати Русия ва Бухоро танҳо ба роҳ мондани тиҷорат байни ду давлат буд. Моҳи июли соли 1836 қаровулбегии амир Насруллоҳ Қурбонбек Ашурбек дар ҳайати 15 нафар вакил бо маншур ба номи подшоҳи рус, ҳадяҳо, мактуби қушбегӣ ба вазири корҳои хориҷӣ ва директори департаменти Осиё дар Орск, ва аз он ҷо ба Петербург фиристода шуд. Ҳайати сафирони Бухоро подшоҳи русро доир ба вазъи робитаҳои тиҷоратии ду давлат, муносибати дӯстона ва сиёсӣ бохабар карданд ва инчунин ташвиши худро аз воридшавии намояндагони давлати Англия ба Осиёи Миёна иброз намуданд [2,с.102].

Инчунин, дар он давр кӯшиш карда шуд, ки байни Бухорову Русия робитаи илмиву техникӣ ба роҳ монда шавад. Масалан, соли 1838 амир Насруллохон ба Русия сафири худ - намояндаи қабилаи қирқ Болтақулбек Чиғатойбегиро мефиристад ва дар назди ӯ вазифа мегузорад,ки аз ҳукумати Русия хоҳиш кунад, то ки ба Бухоро мутахассисони соҳаи геологияро баҳри омӯзиши захираи минералҳо (тиллову сангҳои қимматбаҳо) фиристад [8,с.7-8]. Ин ҳайат бо маншуру ҳадяҳо ба номи императори рус Николайи I, мактуби қушбегӣ ба номи вазири корҳои хориҷии Русия К.В. Несселроде ва генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский, инчунин бо якчанд нафар асири озодшудаи рус ба Петербург омаданд.

Ҳукумати Русияи подшоҳӣ бо хоҳиши сафорати Бухоро ризоият дод, ки моҳи апрели соли 1839 гурӯҳи мутахассисонро бо сарварии муҳандиси кӯҳӣ, капитан Е.П. Ковалевский ба Осиёи Миёна фиристад. Амалан ин экспедитсия на танҳо бо дархости аморати Бухоро фиристода мешавад, балки худи Русия мехост, ки робитаи тиҷоратиро бо аморати Бухоро мустаҳкам намояд, таъсири Русияро дар Осиёи Миёна боз ҳам пурзӯр кунад ва дахолати Британияро дар минтақа заиф гардонад.

Дар назди экспедитсия се вазифа гузошта мешавад: 1. Ҷамъоварии маълумот доир ба боигариҳои зеризаминӣ ва савдои сангҳои қимматбаҳо; 2. Ҷамъоварии маълумот дар бораи тиҷорати берунаи аморати Бухоро; 3) Кам кардани боҷи гумрукӣ барои савдогарони Русия, ташкил кардани консулгарии Русия дар Бухоро, аз ғуломӣ озод кардани табақаҳои Русия дар Бухоро, ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва топографӣ дар бораи аморати Бухоро ва давлатҳои ҳамсоя [8,с.26].Вале ин фаъолияти сафорат бо нокомӣ анҷомид. Зеро, ҳукумати аморати Бухоро нагузошт, ки ба русҳо маълумоти дақиқ пешниҳод карда шаванд.

Дар ин миён Англия низ аз генерал-губернатори Ост-Ҳиндустон талаб мекунад, ки баҳри пешгирӣ намудани наздикшавии Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна тадбирҳо андешад. Дар охири соли 1838 ба Бухоро сафири англис полковник Чарлз Стоддарт фиристода мешавад. Баъди як сол қувваҳои ҳарбии англис ба Афғонистон ворид мешаванд, ин кишварро забт мекунанд ва ба хонигариҳои Осиёи Миёна хавфи ҷиддӣ эҷод мекунанд.

Моҳи июли соли 1840 ба Санкт-Петербург ҳайъати 39 нафараи сафорати амири Бухоро таҳти сарварии Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид фиристода мешавад. Ҳайъати сафорат 10 ноябри соли 1840 аз ҷониби подшоҳи рус пазироӣ гашт [8,с.84]. Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид ба подшоҳи рус дар бораи хавфи ба Осиёи Миёна таҳдид кардани англисҳоро маълумот дод. Хоҳиш намуд, ки дар сурати ба Осиёи Миёна ҳуҷум кардани англисҳо Русияи подшоҳӣ ҳимояи хонигариҳоро ба зиммаи худ гирад. Инчунин, ба подшоҳи рус хабар дода шуд, ки муносибат байни Хева ва Бухоро муташанниҷ гаштааст ва Оллоҳқулихон (хони Хева) барои талаву тороҷи шаҳру деҳоти аморати Бухоро пайваста юришҳои ҳарбӣ ташкил мекунад. Аз Русия хоҳиш карда мешавад, ки дар ин масъала ба сифати миёнарав кӯмак намояд. Дар сурати набудани имконияти ҷазо додани хони Хева бо қувваи ҳарбӣ, ба амир иҷозат дода шавад, ки ба

табодули асирон миёнарав гардад, барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва дӯстона мусоидат намояд [14,с.28]. Сарвари сафорат Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид аз подшоҳи рус дархост намуд, ки барои тоҷирони Бухоро дар ярмаркаи Нижегород 19 дӯкон ҷудо намояд. Аз подшоҳи Русия дархост карда шуд, ки ба Бухоро баҳри омӯзиши канданиҳои фоиданок, пеш аз ҳама дарёфту истихроҷи тилло, мутахассисон- муҳандисони кӯҳиро фиристад.

Ҷавобан ба он соли 1841 сафорати Русия бо роҳбарии муҳандиси кӯҳӣ, подполковник К. Бутенов ба Бухоро фиристода мешавад. Вазифаи ин сафорат ба қавли М.М. Соловев “аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ ба тобеияти Русия даровардани Бухоро” буд [20,с.14]. Ба ҳайати ин сафорат ғайр аз ду нафар муҳандис ва ду нафар ҳунарманди соҳаи саноати кӯҳӣ, шарқшинос Н. Хаников, табиатшинос А. Леман, топограф Я. Яковлев ва дигарон дохил буданд.

Намояндагони сафорати Русияро бо роҳбарии К. Бутенов моҳи октябри соли 1841 амир Насруллоҳ қабул мекунад. Аммо гуфтушунидҳо ба пуррагӣ анҷом наёфтанд. Амир Насруллоҳ бинобар омодагӣ дидан ба юриши ҳарбӣ ба муқобили хонигарии Қӯқанд, ваколаташро ба қушбегӣ медиҳад. Гарчанде дар масъалаи кам кардани боҷи гумрукӣ, озод кардани асирони рус, ба Русия интиқол додани ҷосусони англис Ч.Стоддарт ва А.Канноли натиҷаи мусбат ба даст наомад, намояндагони сафорати К. Бутенов то андозае ба муваффақиятҳо ноил гаштанд. Маълумоти муҳимми илмӣ ҷамъоварӣ гаштанд, ки баъдтар дар асарҳои Н. Хаников, А. Леман, А. Богословский ва худи К. Бутенов инъикос гаштанд [3,с.17-206; 4,с.137-148; 21,с.279 с.]. Аммо мутахассисони рус конҳои калони тиллоро дарёфт карда натавонистанд [10,с.145]. Зеро амир Насруллоҳ ба онҳо барои омӯхтани ҳавзаи Амударё ва кӯҳҳои Нурота иҷозат надод. Ҳайати ин сафорат 8 апрели соли 1842 аз Бухоро баромада, ба самти Русия раҳсипор гашт ва 9 июни ҳамон сол ба Оренбург ворид шуд [7,с.209-211].

Ҳайати сафоратҳое, ки аз Бухоро ба Русия солҳои 1848 ва баъдан соли 1856 фиристода шуданд, аз ҳукуматдорони Русия хоҳиш намуданд, ки бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстӣ намояндаи худро ба Бухоро фиристанд.

Сафорати амoратро дар соли 1848 Мирзохоҷа Хайрулло мирохур сарварӣ намуда, бо 20 нафар сафир ба истеҳкоми Райим (соҳили баҳри Арал) омаданд. Вале, дар натиҷаи ин сафар ягон хел шартнома ё созишномаҳо ба имзо нарасиданд.

Дар ин давр англисҳо Ҳиндустони Ғарбиро забт намуда, ба Афғонистон таҳдид мекарданд. Инчунин ҷосусони англис ба Бухоро омада, амирро ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ, дар Бухоро таъсис додани консулгарии Англия, кандани робитаҳо бо Русия даъват мекарданд. Аз ин лиҳоз сафирони бухороӣ ҳукумати Русияи подшоҳиро аз ин ҳолат хабардор намуда, дар ҳолати ба Бухоро ҳамла кардани англисҳо аз Русия ёрдам пурсиданд. Сафирон барои бартараф намудани баъзе нофаҳмиҳо байни Русия ва Бухоро музокирот анҷом доданд. Русия даъват ба амал овард, ки робитаҳои хуби байнидавлатӣ ба роҳ монда шуда, зери ҳимояи тарафайн гирифтани савдогаронро талаб кард [2,с.107].

Дар ин давр рушди соҳаи саноат дар Русия талаб мекард, ки бозори фурӯши маҳсулот ва манбаи ашёи хом васеъ гардад. Русия мехост, ки ин эҳтиёҷот аз ҳисоби ҳудудҳои ҷанубии мамлакат амалӣ гардад.

Русия кӯшиш намуд,ки муносибатро бо Бухоро хубтар ба роҳ монад, дар ин самт марҳилаи навро оғоз намояд. Русия наздикшавии худро бо хонигариҳои Осиёи Миёна дар ташкили юришҳои ҳарбӣ медид. Ин буд,ки соли 1853 қувваҳои ҳарбии русҳо бо роҳбарии К. Перовский қалъаи Оқмачитро ишғол намуд. Дар ин давр дар Русияи подшоҳӣ ивази вазири корҳои хориҷӣ сурат мегирад. Ба ҷои К. Несселроде соли 1856 А. Горчаков (яке аз дипломатҳои машҳури асри XIX) ба вазифаи вазири корҳои хориҷӣ соҳиб мешавад. Ба вазифаи сарвари Департаменти Осиёӣ низ шахси нав – Е. Ковалевский таъин мегардад Ӯ тарафдори рушди робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Русия бо Осиёи Миёна, аз ҷумла робитаҳои дипломатӣ буд.

Моҳи ноябри соли 1857 ба Санкт-Петербург ҳайати сафорати аморати Бухоро таҳти сарварии Муллоҷон Ашурҷони мирохур ташриф овард. Ин ҳайат барои расонидани сӯгвории амир бинобар вафоти подшоҳ Николайи I ва бо ҷулуси Александри II фиристода мешавад. Ба ҳайати сафорати Бухоро яке аз олимони номвар, файласуф, муаррих, табиб, шоир, хаттот, рассом Аҳмади Дониш низ дохил мешуданд. [1,с.141; 6,с.449-451]. Ҳайъати сафорат аз подшоҳи рус дархост намуд,ки ба Бухоро бо мақсади анҷом додани муносибати дӯстона ва дипломатӣ ҳайъати сафиронро фиристад.

Маълум аст, ки дар ин давр ҳудуди қазоқҳо пурра ба таркиби Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуда буд ва Русия ба сарҳади хонигариҳои Осиёи Миёна торафт наздик мегашт. Акнун, ки муносибатҳои дипломатӣ муваффақона давом мекарданд, ҳалли масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ

осонтар мегашт. Русия имкони дастрас намудани маълумотро дар бораи аморати Бухоро ҳарчи бештар пайдо кард.

Солҳои 40-уми асри XIX аллакай маълумот доир ба Бухоро ва хонигариҳои ҳамсоя кӯҳна гашта, талаботи ҳукумати Русияи подшоҳиро қонеъ намекард. Дар айни ҳол робитаҳои тиҷоратӣ байни Русия ва хонигариҳои Осиёи Миёна хуб ба роҳ монда шуда буд, зеро Русия чун анъана аз бозори Осиёи Миёна баромада наметавонист, маҷбур буд, ки бо боҷи гумрукии хеле гарон тиҷоратро ба роҳ монад. Дар ин вақт Амударё қисми муҳимми манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии Русия ба шумор мерафт [13,с.34]. Дар чунин шароит ба Бухоро фиристода шудани сафорати русҳо хеле муҳим арзёбӣ гардид. Зеро бо ин амал Русия метавонист мавқеи худро дар Осиёи Миёна мустаҳкам намояд. Ин ҳолат саривақт истифода гашт ва подшоҳи Русия Александри II соли 1858 бо сарварии полковник Н. Игнатев ба Хева ва Бухоро ҳайати дипломатҳоро мефиристад [25]. Ҳайати сафорати Н. Игнатев 15 майи соли 1858 аз Оренбург баромада, ба дашти қазоқҳо ворид мешавад. Аз он ҷо ба қисмати ғарбии баҳри Арал гузашта, аввал ба Хева, сипас ба Бухоро ворид мегардад. Баъдтар дар ин бора Н. Игнатев [11] ва аъзои ҳайати дипломатӣ Н. Залесов, ва П. Назаров [9,с.421-440; 17,с.350-375] маълумот додаанд.

Ҳайати дипломатии Н. Игнатев аз 190 нафар иборат буда, аз ҷумла ба таркиби он Е.Я. Килевейн (котиб), ходими дипломатӣ дар назди генерал –губернаториҳои Оренбург ва Самара М.И. Галкин, афсари штаби генералӣ, штабс-капитан Н.Г. Залесов, топографҳо Яковлев ва Зеленин, лейтенанти флот А.Ф. Можайский, астроном К.В. Струве, намояндаи Академияи илмҳо, шарқшинос П.И. Лерх ва дигарон шомил буданд. Дар муддати тӯлонӣ дар робитаи дипломатии байни Русия ва Бухоро душвориву монеаҳо аз қабили душвориҳо дар роҳҳои тиҷоратӣ, зиёд будани боҷи гумрукӣ, монеаҳо, дар ташкили тиҷорати озод, масъалаҳо вобаста ба асирон ва ғуломони рус вуҷуд доштанд. Мақсади фиристода шудани ҳайати сафорати рус бо роҳбарии Н. Игнатев дар соли 1858 ба таври мусбат ҳаллу фасл намудани ҳамин масъалаҳо ба шумор мерафт [11,с.9-10]. Чӣ тавре ки сарвари ҳайати дипломатӣ таъкид мекунад ин сафорат на танҳо барои таъмини тиҷорати озод барои савдогарон ва шаҳрвандони рус, балки барои ҳалли масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва ҳарбӣ, инчунин бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи Русия дар минтақа созмон дода шуда буд [11,с.18,214]. Дар рафти гуфтушунидҳои сеҳафтаина бо хонигарии Хева ҳайати сафорати Н. Игнатев ба натиҷаи мусбат ноил нагашт. Хосатан, дар масъалаи иҷозат ба шино кардани киштиҳои тиҷоратии русҳо дар Амударё ризоият ба даст наомад. Сипас, ҳайати сафорат ба самти Бухоро равон мегардад ва 22 сентябри соли 1858 вориди ин шаҳр мегардад. Ҳайати сафоратро амир Насруллоҳ хуш қабул мекунад. Амир Насруллоҳ ба русҳо ваъда медиҳад, ки боҷи гумрукиро барои савдогарони рус аз 10% ба 5% поён фарорад, ба тоҷирони рус иҷозат дода мешавад,ки дар кадом вақт ва фасли сол хоҳанд, ба қаламрави аморати Бухоро ворид шаванд. Инчунин амир ба киштиҳои тиҷоратии Русия иҷозат медиҳад, ки бе мамониат дар Амударё шино кунанд. Ӯ расман эълон кард, ки дар сурати аз ҷониби хонигарии Хева эҷод шудани мамоният дар ин масъала, омода аст якҷоя бо Русия бар зидди онҳо мубориза барад [11,с.227-228]. Дар бораи натиҷаҳои кори ҳайати дипломатии рус Н. Залесов нигоштааст, ки: “Ҳама шартҳои мо аз ҷониби амир бо зудӣ қабул гашт, бо амри ӯ ҳама ғуломони рус, ва ҳатто онҳое, ки пештар мусулмониро қабул кардаанд бо аҳли оилаашон ба ихтиёри ҳайати сафорат супорида шуданд”[9,с.430].Ҳукумати Русия ваъда дод, ки дар сурати аз ҷониби амири Бухоро иҷро гаштани ҳамаи шартҳо, хоҳишу дархостҳои амир дар мавриди иҷозат додан ба савдои озоди савдогарони бухороӣ дар шаҳрҳо ва ярмаркаҳои тиҷоратии Русия ва ба даст овардани якчанд нуқтаи савдо дар ярмаркаи Нижегород қонеъ гардонида мешаванд [16,с.123]. Инчунин бо талабу дархости сарвари ҳайати сафорати Русия Н. Игнатев 11 нафар рус аз асорат озод карда шуданд. Амир ваъда дод,ки минбаъд дар асорат нигаҳ доштани русҳоро манъ мекунад, иҷозат медиҳад, ки ба Бухоро намояндаи муваққатии ҳукумати подшоҳӣ таъин карда шавад. Ҳаати сафорати русҳо таҳти сарварии Н. Игнатев ба масъалаи сиёсати Британияи кабир дар Шарқ низ таваҷҷӯҳ намуданд. Сафир дар бораи бозиҳои пасипардагии Англия дар хонигарии Қӯқанд, ҷангҳо дар Эрону Хитой, исёнҳои оммавӣ бар зидди англисҳо дар Ҳиндустон (шӯриши сипоҳиён дар солҳои 1857-1858) нақл кард.Баъди ба анҷом расидани гуфтушунидҳо сафорати Русия бо роҳбарии Н. Игнатев моҳи декабри соли 1858 ба Оренбург баргашт. Бо ҳамроҳии ин ҳайат намояндаи амир Насруллоҳ Наҷмиддинхоҷа Муҳаммадамин ҳоҷӣ тӯқсабо ба Русия омад. Бомуваффақият анҷом ёфтани сафорати Н. Игнатев мавқеи Русияи подшоҳиро дар минтақаи Осиёи Миёна мустаҳкам намуд. Савдогарони

рус дар аморати Бухоро ба имтиёзҳо соҳиб шуданд, ғуломону асирони рус ба озодӣ баромаданд, киштиҳои Русия дар Амударё ҳуқуқи озодона шино карданро пайдо карданд.

Аммо ин ҳолат танҳо дар давоми ду сол, то вафоти амир Насруллоҳ (1860) риоя гаштанд. Писари Насруллоҳ амир Музаффархон аз иҷрои ӯҳдадориҳо даст кашид [24,с.16-18].

Умуман таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки Русияи подшоҳӣ бо роҳандозии робитаҳои тиҷоративу дипломатӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX кӯшиш мекард, ки ҳаҷми андозу бочро дар Бухоро кам кунад, дар Бухоро марказҳои тиҷоратӣ кушояд. Бухоро бошад талаб мекард, ки маҳдудиятҳои тиҷоратӣ, ки ба зиммаи тоҷирони бухороӣ дар Русия гузошта мешуд, бардошта шаванд. Мутаассифона, ин талабҳо дар дурнамо иҷро нагаштанд. Ба ғайр аз ин, ба сафирони Русия озод кардани асирон –ҳамватанони худро талаб мекарданд, баҳри муайян кардани конҳои тилло дар қаламрави аморати Бухоро чораҳо меандешиданд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Ахмеджанов, Г.А. Российская империя в Центральной Азии/Г.А.Ахмеджанов.–Тошкент: Фан, 1995. –С.141. -360 с.
2. Баракаев, Ж. Бухоро тарихи (энг қадимги даврдан улуғ Октябр инқилобигача)/Й.Ҳайдаров, Ж.Баракаев. – Тошкент, 1991. –146 с.
3. Богословский 2-й. Записка о долине Зарафшана и горах ее окружающих// Горный журнал. -1842. Ч.2 Кн. 10. –С. 17-206
4. Бутенов, К. Минеральные богатства Бухарии/К.Бутенов// Горный журнал. -1842. –Ч.4. К.11. – С.137-148.
5. Вызго,Т.С.К вопросу о взаимосвязях узбекской и русской музыкальных культур в дореволюционный период/Т.С.Вызго//Общественные науки в Узбекистане.-1961.-№4.-С.42-47.
6. Гафуров, Б. История таджикского народа в кратком изложении. С древнейших времен до Великой Октябрской социалистической революции 1917 г. Т.1. Изд. 3-е./Б.Гафуров.– М.: Наука, 1955. –544 с.
7. Гуломов, Х.Г. Дипломатические отношения государств Средней Азии с Россией в XVIII – первой половине XIX века/Х.Г.Гуломов. –Ташкент, 2005. –333 с.
8. Залесов, Н. Очерк дипломатических сношений России с Бухарою в 1836 г. по 1843 г./Н.Залесов// Военный сборник. –Т. 27. -1862.- С. 7-37.
9. Залесов, Н. Посольство в Хиву и Бухару полковника Н.Игнатьева в 1858 г./Н.Залесов // Русский вестник. -1871. –Т.91. -№2. –С.421 – 440.
10. Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI-середина XIX в.)/П.П.Иванов. –М.: Изд-во вост. лит-ры, 1958.–245с .
11. Игнатьев, Н. Миссия в Хиву и Бухару в 1858 /Н. Игнатьев. -СПб: Б.И.,1897.- 278 с.
12. Исмаилова, Б. И. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII – середина XIX вв.)/Б.И.Исмаилова.-Худжанд, 2005. –296 с.
13. Исроилов, С.Ш. Об отношениях Бухарского эмирата с Российской империей при Насруллахане/С.Ш.Исроилов//Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки.2020.-№ 1 (62). –С. 30-37
14. Костецкий, В.А. Руссияне в Узбекистане/ В.А. Костецкий / Авт.-сост. В. А. Костетский; Ред кол.: С.И. Герасимова и др. - Ташкент.: Нихол, 2008. – 336 с.
15. Кушева, Е.Н. Среднеазиатский вопрос и русская буржуазия в 40-х годах XIX века/Е.Н.Кушева // Исторический сборник. -1934. -№ 3. –С. 135-137.
16. Муҳаммаджонов, А.Р.Бухоро ва Хеванинг Русия билан муносабатлари/ А.Р.Муҳаммаджонов, Т.Неъматов. –Тошкент: Фан, 1957. –320 с.
17. Назаров, П. Воспоминания о степном походе миссии флигель-адъютанта Игнатьева в ханства Хива и Бухару/П.Назаров // Военный сборник. -1864.-№4. –С. 350-375.
18. Неъматов,Т.Хева билан Русия ӯртасидаги муносабатлар/Т.Неъматов.-Тошкент:Фан,1957.–200 с.
19. Савельев, П.Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. –СПб, 1836. –26 с.
20. Соловьев, М.М. Экспедиция в Бухару в 1841 – 1842 гг. при участии натуралиста А. Лемана/М.М.Соловьев. –М. – Л.: Наука, 1936. –120 с.
21. Ханыков, Н. Описание Бухарского ханства/Н.Ханыков. –СПб: Б.И., 1843.-279 с.
22. Шепелев, А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Среднею Азиею /А.Шепелев//Материалы для истории Хивинского похода 1873 года. –Ташкент, 1873. –79 с.

23.Шкунов, В.Н. Торгово-экономические отношения Российской империи с сопредельными странами Востока во второй половине XVIII – первой половине XIX в.: автореф. дисс...докт.ист.наук: 07.00.02. –Саранск, 2009. -58 с.
24.Юдин, М.Л. Положение торговли с среднеазиатскими ханствами до занятия Туркестанского края/М.Л.Юдин//Труды Оренбургской ученой архивной комиссии. Вып.IX. –Оренбург, 1902. –С. 1-50.
25.David Gillard. The Struqqle for Asia 1828-1914/ London? 1910. –p. 106-107.-600 p.

**REFERENCES:**

1. Akhmedzhanov G.A. Russian Empire in Central Asia. –Tashkent: Fan, 1995. –141-360 p.
2. Barakaev J. Haydarov Y. History of Bukhara (from the earliest times to the great October Revolution). - Tashkent, 1991. -146 p.
3. Bogoslovsky 2-nd. A note about the Zarafshan valley and the surrounding mountains // Mining Journal. -1842. Part 2 Book. 10. –17 – 206 p.
4. Butenov K. Mineral wealth of Bukhara // Mining Journal. -1842. –Part 4. B.11. – 137-148 p.
5. Vyzgo T.S. On the question of the relationship between Uzbek and Russian musical cultures in the pre-revolutionary period // Social Sciences in Uzbekistan. -1961. -№ 4.- 42 – 47 p.
6. Gafurov B. History of the Tajik people in brief. From ancient times to the Great October Socialist Revolution of 1917. Ch.1. Ed. 3rd. – M.: Nauka, 1955. –544 p.
7. Gulomov Kh.G. Diplomatic relations of the states of Central Asia with Russia in the 18th – first half of the 19-th centuries. – Tashkent, 2005. – 333 p.
8. Zalesov N. Essay on diplomatic relations between Russia and Bukhara in 1836 to 1843 // Military collection. -Ch. 27. -1862.- 7-37 p.
9. Zalesov N. Embassy to Khiva and Bukhara of Colonel N. Ignatiev in 1858 // Russian Bulletin. -1871. –Ch.91. -. 2. – 421 – 440 p.
10. Ivanov P.P. Essays on the history of Central Asia (XVI- mid - XIX centuries). – M.: Publishing house eastern. liters, 1958.–245 p.
11.Ignatiev N. Mission to Khiva and Bukhara in 1858... - St. Petersburg: B.I., 1897. - 278 p.
12.Ismailova B.I. History of the Bukhara Emirate (second half of the 18 th - mid-19 th centuries). - Khujand, 2005. -296 p.
13.Isroilov S.Sh. On the relations of the Bukhara Emirate with the Russian Empire under Nasrullakhan // Scientific notes of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Humanitarian sciences. 2020. -№. 1 (62). -30-37 p.
14.Kostetsky V.A. Russians in Uzbekistan/Auth.-comp. V. A. Kostetsky; Editorial team: S.I. Gerasimova and others -Tashkent: Nihol, 2008.-336 p.
15.Kusheva E.N. The Central Asian question and the Russian bourgeoisie in the 40s of the 19th century // Historical collection. -1934. №-3.-135-137 p.
16.Muhammadjanov A.R., Nematov T. Relations of Bukhara and Kheva with Russia. -Tashkent: Science, 1957. -320 p.
17.Nazarov P. Memories of the steppe campaign of the mission of Adjutant Ignatiev to the khanates of Khiva and Bukhara // Military collection. -1864.-№ 4. – 350-375 p.
18.Nematov T. Relations between Kheva and Russia. -Tashkent,: Science, 1957. -200 p.
19.Savelyev P. Bukhara in 1835: With the addition of news about all European travelers who visited this city up to 1835 inclusive. – St. Petersburg, 1836. –26 p.
20.Soloviev M.M. Expedition to Bukhara in 1841 – 1842 with the participation of naturalist A. Lehman. –M. – L.: Nauka, 1936. –120 p.
21.Khanykov N. Description of the Bukhara Khanate. – St. Petersburg: B.I., 1843.-279 p.
22.Shepelev A. Essay on military and diplomatic relations between Russia and Central Asia // Materials for the history of the Khiva campaign of 1873. – Tashkent, 1873. – 79 p.
23.Shkunov V.N. Trade and economic relations of the Russian Empire with neighboring countries of the East in the second half of the 18th - first half of the 19th centuries. Author's abstract. diss...doctor of historical sciences: 07.00.02. –Saransk, 2009. -58 p.
24.Yudin M.L. The situation of trade with the Central Asian khanates before the occupation of the Turkestan region // Proceedings of the Orenburg Scientific Archival Commission. Issue IX. – Orenburg, 1902. –1-50 p.
25.David Gillard. The Struqqle for Asia 1828-1914/ London? 1910.-106-107- 600 p.